*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7)*

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи Аҳмади Зоҳидҷон дар мавзуи "Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз)**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи тақризшаванда ба бандҳои 1.7. Ҷанбаҳои инфрасохтории низоми молиявӣ, 2.14. Маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, 3.6. Молияи соҳаҳо, 3.20. Сарчашмаҳои маблағгузории субъектҳои хоҷагидор, проблемаҳои муносибгардонии сохтори сармоя, 3.22. Ташаккули низоми самараноки маблағгузории лоиҳавӣ ва барномавӣ, 3.25. Молияи равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, афзорҳои молиявии сармоягузории "Соҳаҳои таҳқиқот"-и Шиносномаи ихтисоси доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз), ки бо қарори Раёсати Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Чуноне аз муҳтавои диссертатсияи пешниҳодшуда маълум мегардад, кор дар самти илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси дархостшаванда навишта шудааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Ҳалли масъалаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар бисёр маврид аз суръат ва фаъолнокии равандҳои сармоягузорӣ вобаста мебошад. Инкишофи соҳаҳои афзалиятноки маҷмааи хоҷагидорӣ тавассути лоиҳаҳои сармоягузорӣ на танҳо ба рушди иқтидори иқтисоди миллӣ, балки ба болоравии сифат ва дараҷаи зисти аҳолии кишвар оварда мерасонад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ гувоҳи он аст, ки аз ҷониби давлат ва бахши хусусӣ ба масъалаи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда шуда истодааст. Бинобар ин, таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ҳамчун масъалаи бисёр ҳам мубрам арзёбӣ карда мешавад.

Соҳаи сайёҳӣ ҳаракатдиҳандаи муҳими рушди иқтисодӣ ва инкишофдиҳандаи минтақаҳои алоҳидаи кишвар ба ҳисоб меравад.

Сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ ба ташкили ҷои кории нав, баланд бардоштани сатҳи зисти аҳолии маҳал ва ҷалби сармояи хориҷӣ мусоидат мекунад.

Дар шароити глобализатсия ва шиддатёбии рақобат дар соҳаи сайёҳӣ, кишварҳо ва минтақаҳо бо мақсади ҷалби сайёҳон бояд инфрасохтори худро такмил ва навсозӣ кунанд. Ин ҳолат дар навбати худ воситаҳои пулии муайянро талаб мекунад ва зарурат барои таҳлил ва коркарди мушаххаси механизмҳои самараноки маблағгузорӣ лозиманд.

Бинобар ин, таҳқиқи масъалаи таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ, омӯзиши механизмҳои молиявӣ, усулҳо ва воситаҳое, ки амалишавии лоиҳаҳои сармоягузориро дар инфрасохтори сайёҳӣ таъмин мекунанд, мубрамияти махсус доранд ва барои самаранок истифодабарии захираҳо ва таъмини рушди устувори соҳаи сайёҳӣ мусоидат мекунанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳлил ва тасдиқи асоснокии равишҳои назариявӣ ва методологӣ, инчунин, дар таҳияи тавсияҳои амалӣ барои такмили механизми маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ифода ёфтааст. Натиҷаи муҳими таҳқиқот пешниҳоди қарорҳои нави консептуалӣ мебошад, ки ба беҳтар кардани равандҳои молиявӣ дар ин соҳа нигаронида шудаанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, инҳоянд:

- аз ҷониби муаллиф тафсири муфассал ва аниқи мафҳумҳои «сармоягузорӣ», «фаъолияти сармоягузорӣ», «лоиҳаи сармоягузорӣ», «таъминоти молиявӣ» ва «маблағгузорӣ» анҷом дода шудааст. Тавассути онҳо ба раванди таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ таваҷҷуҳи махсус дода шудааст;

- усулҳо ва шаклҳои гуногуни маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ таҳқиқ гардида, ба таҳлили таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таваҷҷуҳи хоса дода шудааст;

- дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи вазъи муосири татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва омӯзиши муфассали механизмҳои ҷалби манбаъҳои маблағгузорӣ ба ин лоиҳаҳо мушкилоти калидӣ, ки ба рушди соҳаи сайёҳӣ ва инфрасохтори он халал мерасонанд, муайян карда шуда, роҳҳои бартараф намудани ин мушкилот пешниҳод гардидаанд;

- таҳлили омилҳои ба рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ мусоидаткунанда гузаронида шуда, арзёбии ҳамаҷонибаи

ин омилҳо дар заминаи вазъи муосири инфрасохтори сайёҳӣ анҷом ёфта, тавсияҳо оид ба такмили механизмҳои мавҷудаи маблағгузорӣ пешниҳод гардидаанд;

- имконияти истифодаи маблағгузории лоиҳавӣ ҳамчун яке аз механизмҳои муассир ва ояндадори татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таҳлил ва арзёбӣ гардида, бартариҳои онҳо, ба монанди баланд бардоштани устувории молиявии лоиҳаҳо, муносибгардонии хавфҳо ва беҳбуди шароит барои ҷалби сармояи хусусӣ ва давлатӣ қайд гардидаанд;

- самтҳои ояндадори рушди минбаъдаи шаклҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ муайян карда шудаанд, ки ба баланд бардоштани ҷолибияти соҳа барои сармоягузорони хусусӣ ва таъмини ҷалби самараноки сармояи хусусӣ имкон медиҳанд. Тадбирҳои мушаххас оид ба такмили амсилаҳои мавҷудаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки ба равандҳои таҷдид ва тавсеаи инфрасохтори сайёҳӣ мусоидат мекунанд, пешниҳод карда шудаанд;

- арзёбии ҳамаҷонибаи шаклҳо ва схемаҳои маъмули маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ гузаронида шудааст, ки ин барои муайян кардани маҳакҳо ва тартиби интихоби амсилаи муносибтарини маблағгузории лоиҳаҳо дар инфрасохтори сайёҳӣ имконият додааст.

Бояд зикр намуд, ки ҳамаи навгониҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, хусусияти эҷодкорӣ доранд ва аз қобилияти баланди таҳқиқотии муаллиф шаҳодат медиҳанд. Бинобар ин, зарурияти баҳо додан ба хусусияти навгониҳои дар боло овардашуда, ба ақидаи мо, ба таври мусбӣ дар диссертатсия татбиқи худро пайдо кардааст.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаву тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Диссертатсия дар ҳаҷми 166 саҳифаи чопи компютерӣ иншо гардидааст. Дар диссертатсия 21 ҷадвал, 11 расм оварда шуда, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 152 номгӯ иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ асоснок, сатҳи омӯзиши он аз нуқтаи назари илмию амалӣ баррасӣ, мақсад, вазифаҳо, мавзуъ ва объекти таҳқиқотӣ ишора гардида, навгонии илмӣ ва аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқотӣ нишон дода шудаанд.

Дар боби аввал «Асосҳои назариявӣ ва методологии таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ» ҷанбаҳои назариявӣ ва равишҳои методологии таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ, усулҳо ва шаклҳои муосири таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва

хусусиятҳои таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи инфрасохтори сайёҳӣ баррасӣ гардидаанд.

Дар боби дуюм «Таҳлили манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ» таҳқиқи вазъи муосири фаъолияти сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва манбаъҳои маблағгузории он, таҳлили омилҳои рушди маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи инфрасохтори сайёҳӣ ва вазъи инфрасохтори сайёҳӣ барои маблағгузории самараноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ мавриди арзёбии қарор дода шудаанд.

Дар боби сеюм «Такмили механизми таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ» масъалаҳои дурнамои истифодаи маблағгузории лоиҳавӣ барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ва нақши шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ баррасӣ гардида, интихоби амсилаи муносиби маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ муайян карда шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия тавсияҳои амалии унвонҷӯ оид ба такмили таъминоти молиявӣ ва рушди механизми маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар иншооти инфрасохтори сайёҳӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда ба омӯзиш ва таҳлили асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаҳои таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, инчунин, истифодабарии усулҳои таҳқиқоти умумиилмӣ тасдиқ мегардад.

Унвонҷӯ дар диссертатсия асосҳои назариявӣ ва равишҳои методологии таъминоти молиявии лоиҳаҳои сармоягузориро мавриди омӯзиш қарор дода, дуруст қайд мекунад, ки лоиҳаи сармоягузорӣ ин маҷмуи чорабиниҳои пайваста ва пай дар пай иҷрошаванда мебошад, ки барои ноил шудан ба ҳадафи мушаххаси маблағгузорӣ дар доираи вақти маҳдуд ва буҷети пешакӣ муқарраршуда татбиқ мешавад. Вобаста ба ин, чунин омилҳои асосии муайянкунандаи ҳар як лоиҳаи мушаххаси сармоягузориро метавон ҷудо кард: ҳаҷм (миқёс)-и лоиҳа, муҳлати татбиққунӣ, сифати раванди татбиққунӣ, мавҷуд будани захираҳои зарурӣ барои анҷом додани лоиҳа (саҳ. 21 дисс.).

Дар рисола зикр гардидааст, ки мушоҳидаҳо гувоҳи он ҳастанд, ки аксари муаллифон ҳангоми ҷудо кардани усулҳо ва шаклҳои

маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ як равиши муайянро риоя накардаанд, ҳамон як усули маблағгузории ҷудокардаи як муаллифро муаллифи дигар ҳамчун шакли маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ номбар мекунад. Бинобар ин, муаллиф барои бартараф кардани нофаҳмии мазкур таркиби муайяни усулҳо ва шаклҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузориро (расми 1.3) пешниҳод карда, ҳамзамон, алоқамандии байни онҳоро тасвир кардааст (саҳ. 34 дисс.).

Вазъи муосири фаъолияти сармоягузориро дар инфрасохтори сайёҳӣ ва манбаъҳои маблағгузории онро таҳлил намуда, унвонҷӯ бамаврид қайд менамояд, ки равандҳои таҷдид ва навсозии иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, аз қабили осоишгоҳҳо ва маҷмааҳои варзишию солимгардонӣ гувоҳӣ медиҳад, ки дар мамлакат шароити хуб барои иҷрои ин ҳадаф мавҷуд аст. Барои таҳкими иқтидори техникии инфрасохтори сайёҳӣ барномаҳои махсуси давлатии сармоягузорӣ ва фаъолияти соҳибкорону сармоягузорони хусусӣ зарур аст. Бо фаъолияти муътадили иншооти инфрасохтори сайёҳӣ, махсусан, осоишгоҳҳо, маҷмааҳои варзишию солимгардонӣ, меҳмонхонаҳо ва фазои мусоиди сармоягузорӣ дурнамои рушди соҳаи сайёҳӣ метавонад як неруи пешбарандаи афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодии мамлакат гардад. Барои ба даст овардани мавқеи намоёни худ дар бозорҳои дохилӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонии хизматрасониҳои сайёҳӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, дар навбати аввал, шароити мусоидро барои пешниҳоди хизматрасониҳои муосири рақобатпазир ба сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ дар самтҳои солимгардонӣ, фароғатӣ, варзишӣ, кӯҳнавардӣ ва сайругашт фароҳам оварад (саҳ. 66 дисс.).

Бо дарназардошти мавҷуд набудани рӯйхати ҳамаҷониба ва пурраи омилҳое, ки ба рушди сармоягузориҳо дар инфрасохтори сайёҳӣ таъсир мерасонанд ва чӣ хеле, ки қайд гардидааст, ин ҳолат барои кормандони масъул ва мутахассисони лоиҳаҳои сармоягузорӣ ҳангоми омода кардани иттилооти зарурии саривақтӣ ва боэътимод барои сармоягузорони хусусӣ, аз ҷумла, сармоягузорони хориҷӣ мушкилот эҷод мекунад. Бинобар ин, муаллиф дар ҷадвали 2.6.-и диссертатсия рӯйхати омилҳои асосии ба рушди манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ таъсиррасонро тартиб дода, сатҳи таъсири ҳар як омилро муайян кардааст (саҳ. 87 дисс.).

Барои арзёбии вазъи инфрасохтори сайёҳӣ барои маблағгузорӣ самараноки лоиҳаҳои сармоягузорӣ муаллиф дар рисола самтҳои асосии ташаккули шароит барои ҷалби сармоягузориҳоро ба пойгоҳи моддию техникӣ ва инфрасохтори сайёҳӣ овардааст, ки онҳо инҳоанд:

- ташкили фазои воқеан мусоиди сармоягузорӣ барои ҷалби сармоягузорони дохилию хориҷӣ, хусусан сармоягузорони хусусӣ;

- баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории худи иншооти инфрасохтори сайёҳӣ;

- самаранокӣ ва зудии қабули қарорҳои идоракунӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимият ва идоракунии давлатӣ доир ба масъалаҳои пешниҳоди қитъаҳои замин, шароити техникию ҳуқуқӣ ва таъмини пайвасткунии иншооти сохташаванда ва истифодашаванда ба шабакаҳои муҳандисӣ, хатҳои барқ ва инфрасохтори нақлиёт ва алоқа, муайян кардани тартиби истифодабарии сарватҳои табиӣ, додани иҷозатномаҳо барои сохтмон ва истифодабарии иншооти инфрасохтор;

- рушди пойгоҳи меъёрию ҳуқуқии барои ҷалби маблағҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ мусоидаткунанда (саҳ. 101-102 дисс.).

Масъалаи истифодаи самараноки маблағгузории лоиҳавиро барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ мавриди омӯзиш қарор дода, унвонҷӯ қайд кардааст, ки маблағгузории лоиҳавӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ механизми мураккаби молиявие мебошад, ки бо ҷалби шумораи зиёди иштирокчиён ба раванди татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ ва гуногуншаклии воситаҳои молиявии истифодашаванда алоқаманд аст. Гарчанде дар таҷрибаи ҷаҳонӣ намудҳои зиёди воситаҳои маблағгузории лоиҳавӣ вуҷуд дошта бошанд ҳам, вале дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, барои истифода дар равандҳои амалисозии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ онҳо ҳанӯз маъмул нестанд. Унвонҷӯ дар рисола омилҳои асосии истифода нашудани механизми маблағгузории лоиҳавиро ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 3.2.-и гурӯҳбандӣ кардааст (саҳ. 109-110 дисс.).

Дар таҳқиқот унвонҷӯ нишон додааст, ки ҳангоми афзоиши сармоягузорӣ ба инфрасохтори сайёҳӣ он боиси рушди ҳамаҷонибаи соҳаи сайёҳӣ, афзоиши даромаднокии корхонаҳои сайёҳӣ ва баланд шудани сатҳи сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ мегардад ва дар ин ҷода нақши шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) дар маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ самаранoктар мебошад. Устувориро дар самти рушди маблағгузорӣ ба иншооти сохташаванда ва амалкунандаи инфрасохтори сайёҳӣ танҳо тавассути корбурди низоми ягона таъмин кардан мумкин аст, яъне, дар заминаи он ки тамоми намуди захираҳо, инчунин, корҳо оид ба рушди инфрасохтори сайёҳӣ дар маҳалҳо дар доираи маҷмуи ягонаи бисёрсоҳавии тадбирҳои боҳампайваста дар

доираи ШДБХ ҳамгиро ва рафти иҷрои корҳои дахлдор ҳамоҳангсозӣ карда шавад (саҳ. 125 дисс.).

Дар охир, муаллиф чунин мешуморад, ки тарзи беҳтарин ва ояндадори истифодаи якҷояи манбаъҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ ин механизми маблағгузории лоиҳавӣ мебошад, ки хусусият ва шароити асосии корбурди онро дар рисолаи худ баррасӣ кардааст. Дар ҳамин ҷо зикр гардидааст, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ барои мамлакатҳо ва минтақаҳое мубрам аст, ки ба таҷдиди иқтидорҳои истеҳсолии соҳаҳои афзалиятнок ва иншооти бузурги инфрасохторӣ ниёз доранд (саҳ. 137-138 дисс.).

Дар асоси омӯзиши мушкилоти мавҷуда дар самти таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории самти инфрасохтори сайёҳӣ унвонҷӯ хулоса ва пешниҳодҳои ҷолиби диққат таҳия кардааст, ки он барои самаранок истифодабарии захираҳо ва таъмини рушди устувори соҳаи сайёҳӣ мусоидат хоҳад кард.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Дар диссертатсия асосҳои назариявӣ ва равишҳои методологии таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ баррасӣ гардида, истифодаи натиҷаҳои он дар таҳияи консепсия, ҳосил кардани фарзияю қонуният ва моделҳои баҳогузории самаранокии амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузории самти инфрасохтори сайёҳӣ дар оянда инъикос гардидаанд. Натиҷаҳои илмӣ-амалии диссертатсияро мумкин аст, ки дар фаъолияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маъмурияти субъектҳои хоҷагидории инфрасохтори сайёҳӣ истифода бурдан мумкин аст. Баъзе аз тавсияҳои илмӣ-амалии муаллиф мумкин аст бо истифода дар сохторҳои дахлдори давлатӣ ва минтақавӣ, инчунин, ширкатҳои сайёҳӣ мавриди истифода қарор гирад. Аз ҷумла, маълумотҳои он дар Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар минтақаҳои кишвар ва дигар мақомоти дахлдори давлатӣ истифода бурда шавад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки нуктаҳои консептуалӣ ва тавсияҳо барои баланд бардоштани таъминокии

молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ замина гузошта, метавонанд дар истифодаи оқилонаи захираҳои молиявӣ ҳамчун омили муҳими амалигардонии лоиҳаҳои сармоягузории самти инфрасохтори сайёҳӣ дар минтақаҳои мувофиқи кишвар истифода бурда шаванд.

Ҷанбаҳои методологии кори мазкур мумкин аст, ҳангоми баҳогузории самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти инфрасохтори сайёҳӣ, ки ба таъмини рушди устувори кишвар ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат намояд.

Хулосаҳои асосии назариявӣ ва амалии диссертатсия метавонанд дар фаъолияти муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ширкатҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шаванд. Паҳлуҳои алоҳидаи диссертатсия метавонанд ҳангоми таълими фанҳои дарсӣ барои иқтисодчиён мавриди истифода қарор гиранд.

Инчунин, нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли тезис (фишурда), маърӯзаҳои аз тарафи муаллиф пешниҳодшуда дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ («Иқтисодиёти корхонаҳо, минтақаҳо, мамлакатҳо: масъалаҳои мубрам ва ҷанбаҳои муосир» (Пенза, 2023), «Масъалаҳои идоракунӣ ва иқтисодиёт: вазъи муосир ва мушкилоти мубрам» (Москва, 2022)) муҳокима шудаанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Нуктаҳои асосии диссертатсия дар 17 мақолаҳои муаллиф (ҳаҷми умумии он 7,2 ҷ.ч.), аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба номгӯи маҷаллаву нашрияҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Мақолаҳои илмии чопшудаи муаллиф мазмуни мухтасари кори диссертатсиониро инъикос менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.**

Умуман, барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат мекунад. Новобаста ба ин, таҳқиқоти диссертатсионӣ баъзе камбудиву норасогиҳо дорад:

1. Баъзе унсурҳои навгонии илмӣ мушаххассиятро талаб мекунанд (унсури 5 ва 7);

2. Дар саҳифаи 28 диссертатсия аз ҷониби муаллиф афзалият ва норасогиҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо истифодаи манбаъҳои дохилӣ оварда шудааст. Хуб мешуд, агар муаллиф бо чунин мазмун маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузориро бо истифодаи манбаъҳои беруна низ нишон медод;

3. На ҳамаи омилҳои асосие, ки ба интихоби манбаъҳои

маблағгузории лоиҳаи сармоягузорӣ таъсир мерасонанд (ҷадвали 1.5.), қайд гардидаанд (масалан, миқёс (доманадорӣ)-и лоиҳа, мақсад ва стратегияи ширкат, таҷриба ва обрӯю нуфузи ширкат ва ғ.);

4. Бартарӣ ва камбудиҳои на ҳамаи усулҳо ва шаклҳои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ (7 усул ва шакл), ки дар расми 1.3.-и диссертатсия оварда шудаанд, аз ҷониби муаллиф ба таври мушаххас мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд;

5. Дар зербоби 2.1. ба ғайр аз сармоягузории мустақими хориҷӣ, ки ба соҳаи сайёҳӣ равона шудааст, дигар манбаъ (сарчашма)-ҳои сармоягузории ба ин самт гузоришшуда мавриди таҳлил қарор дода нашудаанд. Агар унвонҷӯ дар ин қисмати рисолаи илмӣ сохтори сарчашмаҳои сармоягузориро дар самти инфрасохтори сайёҳӣ нишон медод, арзиши кор боз ҳам хубтар мешуд;

6. Дар рисолаи илмӣ баъзе ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ дида мешаванд.

Эродҳои номбаршуда ҷиддӣ набуда, характери тавсиявӣ доранд, ки ба сатҳи баланди илмӣ-амалии таҳқиқоти анҷомдода таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ оид ба сазовор донистан ё надонистани довталаб ба дараҷаи илмии дахлдор.** Кори диссертатсионӣ дар мавзуи “Таъминоти молиявии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори сайёҳӣ” ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Аҳмади Зоҳидҷон сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

Муовини ректор оид ба илм
ва инноватсияи ДДҲБСТ,
д.и.и., профессор — Бобоҷониён Даврон Дадоҷон

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, микр-н. 17, бинои 1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
тел.:+992 (3422)23811, +992 927734646, bobojonovd@rambler.ru

ДДҲБСТ
имзои д.и.и. профессор Бобоҷониён Д.Д.-ро
тасдиқ менамоям
сардори шӯъбаи кадрҳо
Бобоев А.Х.
31.05.2025